آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

4 октябри соли 2023
Чоршанбе
№ 79 (14986)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

***Мувофиқи қарори махсуси Президенти мамлакат дар ноҳияи Олоти вилояти Бухоро низ «Минтақаи саноат ва соҳибкории ҷавонон» созмон ёфт.***

## ИСТЕҲСОЛИ МОТОТСИКЛҲОИ СЕЧАРХАИ БОРКАШОН БА РОҲ МОНДА МЕШАВАД

Бо ин мақсад дуним сол муқаддам аз ҳудуди маҳаллаи «Халифа» 2 гектар майдон ҷудо гардида, барои сохтмони шабакаи барқӣ 300 миллион сӯм, барои барпо кардани шабакаҳои гази табиӣ 350 миллион сӯм маблағ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ҳавола шуда буд. Дар натиҷа мувофиқи лоиҳа аксарияти корҳои бинокорию монтаж амалӣ гардиданд.

Аввалин лоиҳае, ки ин ҷо омодаи фаъолият гаштааст, ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Buxoro Gold Star Moto» мебошад. Ин ҷо истеҳсоли мототсиклҳои сечархаи боркашон (қимати умумиаш 15 миллиард сӯм) ба роҳ монда мешавад. Дар марҳилаи аввал дар корхона 50 нафар бо кор таъмин шуда, соле истеҳсол намудани 3 ҳазор дона сечархаи боркашон ба нақша гирифта шудааст.

Ба ин муносибат маросими тантанавии кушодашавии «Минтақаи саноат ва соҳибкории ҷавонон»-и ноҳия ба амал омад. Дар он ҷонишини ҳокими вилоят – сардори садорати сармоя ва савдои берунӣ Ризо Асадов, ҷонишини ҳокими вилоят оид ба корҳои сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва маънавияту маърифат Миралӣ Ҳамроев, ҳокими ноҳия Наргиза Неъматова, сардори садорати вилоятии Агентии кор бо ҷавонон Шавкат Раҳмонов ба сухан баромада, дар бораи имкониятҳои барои ҷавонон фароҳам овардашуда ва аҳамияти ин корхона таваққуф карданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## ЭКОФАЪОЛОНИ ҶАВОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР САМАРҚАНД ҶАМЪ ОМАДАНД

***Дар Самарқанд Истироҳатгоҳи экологии ҷавонони Осиёи Марказӣ ба кор шурӯъ кард.***

Дар доираи Барномаи даҳлдори сайёҳии «Роҳи абрешим» ва Донишгоҳи байналхалқии мероси маданӣ анҷумани экологӣ ташкил карда шуд.

Дар ибтидои чорабинӣ бо иштироки зиёда аз 60 нафар экофаъолони ҷавоне, ки аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон ва ҳудудҳои гуногуни кишварамон омадаанд, парчами рамзии истироҳатгоҳ барафрохта шуд.

Дар анҷумани нахустини экологии ҷавонони Осиёи Марказӣ вазири ҳифзи муҳити атроф ва тағйироти иқлим Азиз Абдуҳакимов, роҳбари ваколатхонаи UNICEF дар Ӯзбекистон Мунир Мамедзода ва дигарон ба сухан баромада, иштирокдоронро табрик карданд.

Тавре ки нотиқон таъкид намуданд, Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи минтақаҳое ба шумор меравад, ки дар он таъсири мушкилоти экологӣ баланд мебошад. Роҳбарони ҳукуматҳо, мутахассисон оид ба ин муаммо аз минбарҳои байналхалқӣ гаштаву баргашта бонги изтироб мезананд. Бешубҳа, ҷавонони мо низ ҳамчун соҳибони фардои мамлакат ба ин масъала бефарқ нестанд. Истироҳатгоҳи экологие, ки дар минтақа бори аввал созмон дода шуд, ба сифати минбари ташаббусҳо, афкор ва ғояҳои нави ин мушкилот хидмат хоҳад кард.

– Ташаббуси созмон додани истироҳатгоҳи экологӣ низ аз ҷониби ҷавононамон ба миён гузошта шуд, – мегӯяд муовини директори бунёди ҷамоатии байналхалқии «Замин» Абдуқаҳҳор Абдуғаниев. – Ҳоли ҳозир маҳз онҳо муҳаррикони ғояҳои нав маҳсуб меёбанд. Бинобар ҳамин ҳам дар чорабинӣ бобати ягон мавзӯъ ё самт ҳадду монеа гузошта нашуд. Худи иштирокдорон мушкилоти экологии минтақаро таҳлил карданд ва барои бартараф сохтани онҳо пешниҳоду таклифҳои худро иброз доштанд. Ба ин ҷараён барои кумакрасонӣ ба ҷавонон мутахассисони соҳа низ ҷалб карда шудаанд.

Дар тӯли чорабинии панҷрӯза аз тариқи қаробат пайдо кардани саъю ҳаракатҳои экологии ҷавонони Осиёи Марказӣ стратегияи маданияти экологии минтақавӣ ва бисёр дигар лоиҳаҳо коркард хоҳанд шуд. Ин лоиҳаҳо ба Конвенсияи СОП 28 - оид ба дигаргунии иқлим, ки дар Аморати Муттаҳидаи Араб воқеъ мебошад, пешниҳод карда мешаванд.

– Мо ҷустуҷӯҳоро дар чаҳор гурӯҳ оғоз кардем, – мегӯяд экофаъоли ҷавони қароқалпоқистонӣ Нурҷаҳон Жадигирова. – Ман бобати ба таълими томактабӣ дохил кардани лоиҳаи омӯзиши маданияти экологӣ кор мебарам. Мавриди зикр мебошад, ки тамоми иштирокдорони анҷуман фаъолнокии хуб намоиш медиҳанд. Гуногунрангии фикру ғояҳо имкон медиҳад, ки муаммои мазкур аз самтҳои мухталиф омӯхта ва роҳҳои ҳаллу фасли он пайдо карда шавад. Нақшаҳоямон бузург аст ва мо баҳри ба ҳаёт татбиқ сохтани онҳо аз тахти дил саъю ҳаракат дорем.

Дар доираи барнома бо иштироки коршиносони байналхалқӣ машваратҳо, вохӯриҳо ва мувофиқи стратегияи даҳлдор муҳокимаҳо ташкил карда хоҳанд шуд.

**Ғ. ҲАСАНОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Консулгарии ифтихории навтаъсис аз ҷумлаи натиҷаҳои пурмаҳсули сафари Президенти Ӯзбекистон ба шаҳри Нагоя мебошад, ки моҳи декабри соли 2019 ба вуқӯъ пайваста буд.***

## ДАР ШАҲРИ НАГОЯИ ҶОПОН КОНСУЛГАРИИ ИФТИХОРИИ ӮЗБЕКИСТОН КУШОДА ШУД

Ба мақсади инкишоф додани муносибатҳои дӯстонаи байни минтақаҳои Ӯзбекистон ва Ҷопон, вусъат бахшидани робитаҳои дуҷонибаи иқтисодӣ, маданиву инсонпарварӣ, сайёҳӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ кардани шаҳрвандони мо, ки дар префектураи Айтӣ зисту зиндагӣ доранд, дар шаҳри Нагоя Консулгарии ифтихории Ӯзбекистон кушода шуд.

Дар маросими кушоиши он, ки 19 сентябр ба амал омад, маслиҳатгари ширкати «IM Corporation» мушовири Иттиҳодияи дӯстии «Нагоя – Ӯзбекистон» Хироюки Ито консули ифтихории Ӯзбекистон дар Нагоя эълон гардид ва ба ӯ дар вазъи мутантан боварномаи даҳлдори консулгарӣ супурда шуд.

Дар маросими кушоиш намояндагони парлумони Ҷопон, Лигаи парлумонии «Нагоя – Ӯзбекистон», парлумон ва маъмурияти шаҳри Нагоя, оҷонсии оид ба илм ва технологияи Ҷопон, созмонҳои дигар ширкат варзиданд.

Дар баромадҳо таъкид шуд, ки Консулгарии навтаъсиси ифтихорӣ аз ҷумлаи натиҷаҳои пурмаҳсули ташрифи роҳбари давлати мо Шавкат Мирзиёев ба шаҳри Нагоя мебошад, ки моҳи декабри соли 2019 ба вуқӯъ омада буд, он ҳамчунин маҳсули рушди муносибатҳои дӯстонаи байни Ӯзбекистон, шаҳри Нагоя ва префектураи Айтӣ буда, барои ҳифзи ҳуқуқи ҳамдиёрони мо, ки дар минтақаи мазкури Ҷопон таҳсил ва кор мекунанд, нақши муҳим мебозад.

Зикр шуд, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, илмиву техникӣ ба амиқсозии муносибатҳои муҳоҷириву консулгарӣ, пешрафти ҳамкорӣ дар соҳаи дипломатияи халқӣ, вусъатёбии дӯстии байни халқҳои ду мамлакат мусоидат менамояд.

Раиси кумитаи оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии палатаи поёнии парлумони Ҷопон Тадахико Ито аз кушоиши Консулгарии ифтихории Ӯзбекистон дар шаҳри Нагоя, ки вай он ҷо зиндагӣ дорад, қаноатмандии бузург изҳор кард. Мавсуф таъкид сохт, ки сафари Президенти Ӯзбекистон дар соли 2019-ум ба Донишгоҳи Нагоя ва ба ӯ додани унвони ифтихории доктори донишгоҳи мазкур кафолати пешрафти робитаҳои дуҷонибаи таълимӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад.

Депутати ҷопонӣ изҳор намуд, ки якҷо бо Консулгарии ифтихорӣ ба роҳ монда шудани хатсайри авиатсионии Нагоя – Тошканд ва рушди хатсайрҳои мунтазам ба мақсади ба Ӯзбекистон ҷалб сохтани сайёҳони ҷопонӣ ва фароҳам овардани мусоидат барои зиёда аз 500 ҳамватанони мо, ки дар префектураи Айтӣ зиндагӣ доранд, кумаки амалӣ мегардад.

Депутати палатаи поёнии парлумони Ҷопон, узви Лигаи парлумонии «Ҷопон – Ӯзбекистон», собиқ муовини вазири иқтисодиёт ва саноат Ясумаса Нагасака аз боз шудани Консулгарии ифтихории Ӯзбекистон дар Нагоя қаноатмандии бузург изҳор карда, фаъолияти онро ба мақсади инкишоф додани ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва муносибатҳои дӯстона бо кишвари мо куллан пуштбонӣ намуд. Вай таъкид сохт, ки ба парлумони Ҷопон ва ҳукумат барои дастгирӣ кардани рушди ҳамкориҳои стратегӣ бо Ӯзбекистон кумак хоҳад кард.

Ҳокими шаҳри Нагоя Такаси Кавамура хотираҳои гарми худро аз вохӯрӣ бо Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев моҳи декабри соли 2019 баён намуд. Вай рушди фаъоли муносибатҳои дӯстона бо Ӯзбекистон, таҳкими робитаҳои дӯстонаи байни халқҳои ду мамлакат, аз ҷумла ба роҳ монда шудани мубодилаи ҳайатҳо, сафарҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, вохӯрии мактаббачагон ва арбобони санъатро зикр кард, ҳамчунин қайд намуд, ки дар оянда якҷо бо Консулгарии ифтихорӣ барои вусъат додани ҳамкориҳои дуҷониба тамоми чораҳо андешида мешаванд.

Хотиррасон менамоем, ки ҳоли ҳозир дар кишварҳои гуногуни хориҷӣ тақрибан 40 Консулгарии ифтихории Ӯзбекистон амал мекунанд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри Нагоя.*

## ЗАВОДИ НАВИ ИСТЕҲСОЛИ МОШИНҲОИ БОРКАШ БА КОР ДАРОМАД

***Дар Андиҷон корхонаи нави истеҳсоли мошинҳои боркаш таҳти тамғаи «FAW» ба кор даромад.***

Чорабинӣ бахшида ба ифтитоҳи корхонаи нав бо иштироки Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, низоми саноати автомобилсозии Ӯзбекистон, намояндагони корхонаҳои дилерии «Vum», ҳамкорон ва намояндагони ҷомеаи васеъ баргузор гардид.

Ҳокими вилояти Андиҷон Шуҳратбек Абдураҳмонов, раиси шӯрои директорони ширкати чинии «Faw trucks» Ҳу Хантзе ҳамаро бо оғози кори корхонаи нави мошинсозӣ табрик гуфтанд. Зимнан зикр гардид, ки корхонаи мазкур ба минбаъд васеъ гардондани саноати автомобилсозии Ӯзбекистон, тавсеаи рушди иқтисоди кишвар ва пур кардани талаботи он ба чунин мошинҳои боркаш хидмат хоҳад кард.

Ин корхона, ки дар шаҳри Андиҷон дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Vodiy universal-majmua» ва корхонаи «Faw Group»-и давлати Чин дар чаҳорчӯби лоиҳа бо арзиши умумии 15 миллион доллар таъсис ёфтааст, дар як сол чаҳор ҳазор мошин бо зарфияти борбардории беш аз 5 тонна тавлид мекунад.

Мошинҳои боркаш бо намуди зоҳирии замонавӣ ва ҳамаи қулайиҳо дар бозори дохилӣ фурӯхта, инчунин ба кишварҳои ҳамсоя содир карда мешаванд.

Баъд аз он ки корхона бо иқтидори пурраш ба кор медарояд, 400 нафар бо кори доимӣ таъмин хоҳанд шуд.

**Фахриддин УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**
***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***



## ТАШАББУСҲОИ АМАЛИЕ, КИ ДАР САТҲИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ПЕШНИҲОД ШУДААНД

***Солҳои охир дар кишварамон дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон, аз ҷумла, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили босифат, азхудкунии касбу ҳунар ва татбиқсозии иқтидор ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.***

Ислоҳоте, ки тайи солҳои охир дар ин бобат анҷом дода мешаванд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Ташаббусҳои Шавкат Мирзиёев ҳангоми суханронӣ дар иҷлосияи 78-уми Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид бо он қобили таваҷҷуҳ аст, ки пеш аз ҳама ба дастгирии насли наврас, таъмини онҳо бо таҳсилоти босифат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудаанд.

Дар кишварамон таҳсилоти ошкоро ва босифат омили муассиртарини рафъи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳафт соли охир дар ин бобат бисёр корҳо амалӣ гардида, натиҷаҳои калон ба даст оварда шуданд. Инро дар мисоли тафовути фарогирии таълими томактабӣ аз 21 то 70 фоиз ва таҳсилоти олӣ аз 9 то 38 фоиз дидан мумкин аст.

Дар мамлакатамон ба масъалаи занону духтарон диққати калон дода мешавад. Ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар Конститутсия ва қонунҳоямон ифода ёфтаанд. Агар танҳо соҳаи таълимро бигирем, ба ҳазорон духтароне, ки дар гузашта хоҳиши таҳсил гирифтанро доштанд, тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуданд.

Аз ҷумла, туфайли ислоҳот бобати ноил шудан ба баробарии гендерӣ танҳо соли гузашта 49 фоизи донишҷӯёни ба донишгоҳҳо қабулшуда духтарон буданд. Бори аввал ҳиссаи занон дар идоракунии давлатӣ ба 35 фоиз расид, ки ин натиҷаи ислоҳоти таҳти роҳбарии Президенти кишвар ба даст оварда мебошад.

Дар ин суханронии таърихӣ бо мақсади омӯхтани мероси ғании донишмандону мутафаккирони бузург, ки дар рушди илми ҷаҳонӣ саҳми бемисл гузоштаанд, исломро ҳамчун дини илму маърифат ва сулҳу осоиш нишон дода, ба тавре амиқ ошкор намудани моҳияти аслии инсонпарварии ислом соли 2024 дар Ӯзбекистон ташаббуси гузаронидани Конфронси байналхалқӣ дар мавзӯи «Ислом – дини сулҳу некӣ» ба миён гузошта шуд, ки дар он ба ин масъала дар кишвар то чӣ андоза таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, равшан ифода ёфтааст.

Бе муболиға метавон гуфт, ки пешниҳодҳои аз минбари олӣ ба миён гузашта бо як қатор вазифаҳои соҳаи маънавию маърифии Ҳизби демократии «Миллий тикланиш»-и Ӯзбекистон ҳамоҳанг мебошанд.

Хулоса, ба амал баровардани ин таклифу ташаббусҳо ба боз ҳам мустаҳкам шудан ва инкишоф ёфтани ҳамкории байни давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид хидмат мекунанд. Аз ҳама муҳимаш, обрӯйи Ӯзбекистонро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ боло мебаранд.

**Зумрад БЕКАТОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Мақсад ва вазифаи ислоҳотҳои ҷорӣ ба ҳар як шаҳрванди кишвар фароҳам овардани шароити муносиби зиндагӣ мебошад. Саломатии шаҳрвандон нодиртарин ганҷи ҳар давлат аст.***

## МУШКИЛОТИ МАРДУМ БАРТАРАФ ГАРДИД

Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев 18 марти соли 2022, ҳангоми мулоқоташ бо намояндагони соҳаи тибб дар ҳудудҳои аҳолинишине, ки аз марказҳои ноҳия дур воқеъ гардидаанд, ташкил намудани нуқтаҳои тиббиро супориш дода буд.

Аксар вақт таҷҳизот ва ё масолеҳи зарурӣ аз хориҷи кишвар оварда мешаванд. Албатта, иҷрои ҳар як супориш фурсат ва маблағ талаб мекунад.

Аҳолии деҳоти Сойхурд, Симчашма ва Соб аз маркази ноҳияи Нурато дар масофаи 110–120 км дурӣ воқеъ мебошанд. Дар ҳар се деҳа, ҳатто нуқтаҳои алоҳидаи тиббӣ, дорухона вуҷуд надошт, то бемор он ҷо кумаки аввалия бигирад.

Пас аз супориши сарвари кишвар мушкилоти мардум бартараф гардид. Ба деҳот вагонҳое оварда гузоштанд, ки дорои ду хонаи бо ҳамаи таҷҳизоти зарурии тиббӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

Мусоҳибаи мо

# ПЕРОМУНИ КОРҲОИ НАВОРБАРДОРИИ ФИЛМИ ҶОМӢ ВА НАВОӢ

***Мухбирамон дар чаҳорчӯби Ҷашнвораи XV байналхалқии синамои Тошканд таҳти унвони «Марвориди роҳи абрешим» бо директори муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» Маҳмадсаид Шоҳиён, ки барои ширкат дар он омадааст, суҳбат орост. Муҳтавои ин суҳбат тақдими шумо, муштариён, мегардад.***




**– Қабл аз он ки дар бораи корҳои омодашавӣ барои наворбардории филми ҳунарии «Дурахши ахтарон» суҳбатамонро шурӯъ кунем, ки ба ҳаёт ва фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ бахшида шудааст, оиди ширкати синамогарони тоҷик дар Ҷашнвораи XV байналхалқии синамои Тошканд чанд сухан мегуфтед.**

– Тоҷикистон дар ин ҷашнвора танҳо бо як филми ҳунарӣ ширкат намуд. Он филми коргардони ҷавони мо Муҳиддини Музаффар ба номи «Дов»(Фортуна) мебошад, ки нахустнамоиши он дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Филм соли 2022 дар номинатсияи «Беҳтарин филми ҳунарӣ» Ҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон»-ро ба даст овардааст. Инчунин дар 28-умин Фестивали байналхалқии филмҳои Калкутта дар номинатсияи «Филми беҳтарин» соҳиби ҷоизаи «Netpac» шудааст. Соли равон зимни баргузории Фестивали XIX байналхалқии филмҳои мамолики мусулмонӣ дар Қазон дар номинатсияи «Беҳтарин сенарияи филми бадеии пурраметраж» соҳиби ҷоизаи хос гардидааст.

**– Дар бораи ин филм чиҳоро метавон илова кард?**

– Филми «Дов»-и Муҳиддини Музаффар дар Муассисаи давлатии «Суғдсинамо»-и ба номи Комил Ёрматов ва Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» ба навор гирифта шудааст, дар 41-умин ҷашнвораи байналмилалии «Фаҷр»-и Эрон мавриди муаррифӣ қарор гирифт ва таваҷҷуҳи продюсерҳо ва мутахассисони филми хориҷиро ба худ ҷалб кард. Дар ин филми ҳунарӣ нақшҳои асосиро ҳунарпешагони театру синамо Абдулмуъмин Шарифӣ, Салоҳиддин Шукурзода, Фирӯза Раҳмонова, Аҳмад Қутбуддин, Исфандиёр Ғуломзода ва ҳунарпешаи наврас Хушрӯз Эргашев иҷро кардаанд. Коргардон ва таҳиягари филми «Дов» Муҳиддини Музаффар соҳиби нишони «Аълочии кинематографияи тоҷик» мебошад.

**– Акнун суҳбатамонро дар бораи филми дуқисмии «Дурахши ахтарон» давом диҳем. Ҳоло Тоҷикистону Ўзбекистон дар кадом нуқтаи кор қарор доранд.**

– Бояд гӯям, ки мо қаблан дар бораи ба навор гирифтани филми муштарак дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ду алломаи бузург – Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ҳамчун рамзи дӯстиву рафоқати тоҷикону ўзбекон Меморандум имзо кардаем. Ин филм бо дастур ва пешниҳоди сарварони ду давлат – Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба навор таҳия ва мавриди наворбардорӣ қарор хоҳад гирифт. Мо дар ин робита корҳои омодагириро қариб ба анҷом расонидем. Аз ҷумла, сенарияи ин филм ва корҳои режиссураи он низ дар арафаи ба анҷом расонидан мебошад. То кунун афроде, ки маҳз барои офариниши ин филми таърихӣ вобаста карда шудаанд, ба шаҳрҳои Тошканду Душанбе 14 сафари корӣ анҷом додаанд.

**– Ин филм дар кадом минтақаҳои ду кишвар ба навор бардошта мешавад?**

– Пешбинӣ шудааст, ки лаҳзаҳои банаворгирии филм дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хива ва чанд минтақаи дигари Ўзбекистон ва вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияи Ҳисори Тоҷикистон, кишварҳои Туркияву Эрон ба вуқӯъ хоҳад пайваст. Барои ҳамин аъзои гурӯҳи муштараки ду кишвар, ки ҳудудан аз 12 нафар коргардонҳову наворбардорон ва рассомон иборатанд, аллакай ба Туркия сафар намудаанд ва ҷойҳои наворбардорӣ дар ин кишварро муайян кардаанд. Ба наздикӣ ин гурӯҳ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар хоҳад кард, то ки як қатор масоили марбут ба корҳои наворбардориро ҳаллу фасл кунад.

**– Нақшҳои асосӣ ва дувумдараҷа, эпизодиро киҳо бозӣ хоҳанд кард?**

– Дар ин маврид кастинг гузаронида мешавад ва тибқи натиҷагирии он нақшҳо ба ҳунарпешаҳо тақсим карда хоҳанд шуд. Ҳоло барои баргузории кастинг як ҳайат ташкил гардидааст, ки аз роҳи интихоб ҳунарпешаҳоро барои бозидани нақшҳои филм муайян хоҳад кард.

**– Офаридани чунин филм интихоби либосҳои махсусро низ тақозо менамояд?**

– Бале. Он давру замон қаҳрамонҳои филм бояд дар ҳамон либос рӯйи саҳнаи банаворбардорӣ ҳозир шаванд, ки баъдан мавриди эътирози касе қарор нагирад. Ин ҳам яке аз масъалаҳои муҳимест, ки гурӯҳи муштараки Тоҷикистону Ўзбекистон машғул ба он мебошад ва баъд барои дӯхтани он фармоиш медиҳанд.

**– Дар бораи забони филм пурсидан мехоҳам. Яъне ҷараёни филмбардорӣ ба кадом забон сурат хоҳад гирифт?**

– Қарор аст, ки филм ба се забон – тоҷикӣ, ўзбекӣ ва англисӣ ба навор бардошта мешавад. Барои ҳамин ғайр аз мутахассисони худамон ба ин кор аз хориҷа низ мутахассисон ҷалб карда хоҳанд шуд, то ки мазмун ва мундариҷаи филм ба талаботи замон пурра ҷавоб дода тавонад.

**– Дар бобати таъминоти молии ин филм чӣ метавон гуфт?**

– Вақте ки ҷойҳои филмбардорӣ аниқ гардиданд, дар он сурат мутахассисон ба сметакунии ин филми ҳунарӣ мепардозанд. Зеро ҳар як сафари дастандаркорони филм, лаҳзаҳои банаворбардорӣ ва тамоми хароҷоти дигар дақиққориро талаб мекунад. Перомуни он низ чанд кори муқаддамотӣ анҷом дода шудаанд. Қобили қайд мебошад, ки то охири сол чунин корҳои омодагирӣ бояд ба нуқтаи ниҳоӣ бирасанд.

**– Ҳар як филм дар маҷрои худ фаслҳои солро низ дорад. Дуруст?**

– Бале. Ба хотири он ки воқеаҳои ҳамон давра дар ин филм дуруст инъикос карда шаванд, пешбинӣ шудааст, ки ба корҳои банаворбардорӣ дар фасли баҳори соли оянда ҳусни оғоз мебахшанд ва дар фаслҳои баъдина онро давом медиҳанд.

**– Дар бораи худи ин лоиҳа чанд сухан мегуфтед.**

– Ин лоиҳа тараннумгари рамзи дӯстии ду алломаи бузург – Ҷомӣ ва Навоӣ мебошад. Дар филми «Дурахши ахтарҳо» дӯстиву рафоқати ду халқи бумии Осиёи Марказӣ акс ёфтааст, ки дар таърих ва рушди тамаддуни он мавқеи беназирро касб намудаанд. Ин ду шахсияти бузург ҳалли ҳар гуна низоъ ва ташаннуҷ ва дастрасӣ ба сулҳу мадороро ҳамеша аз роҳи маърифат талқин ва тарғиб кардаанд.

Суҳбатнигор
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# АКАДЕМИК НАЗАР ТӮРАЕВ



Илми Ўзбекистон талафоти гарон дод. 3-юми октябри соли 2023 дар 85-умин соли умр олими бузурги соҳаи электроникаи физикӣ, доктори илмҳои физикаю математика, академики Академияи улуми Ҷумҳурии Ўзбекистон Назар Юлдошевич Тӯраев вафот кард.

Назар Тӯраев 19 майи соли 1938 дар шаҳри Деҳнави вилояти Сурхондарё таваллуд шуд. Соли 1961 Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм кард, фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун корманди хурди илмӣ дар Пажӯҳишгоҳи физикаи ядроии Академияи улум оғоз намуд. Олими хастанопазир тӯли 60 соли фаъолияти меҳнатии худ дар вазифаҳои масъул ба сифати аспиранти Пажӯҳишгоҳи физикаи ядроӣ, котиби илмии Институти электроника, мудири кафедраи Донишкадаи политехникаи Тошканд, ректори Донишгоҳи давлатии Тирмиз, директори маркази илмию таълимии «ФАНУМ»-и Академияи улум пурмаҳсул кор кард ва дар рушди илми ватанӣ, тайёр кардани кадрҳои соҳибтахассус саҳми муносиб гузошт.

Соли 1968 рисолаи номзадӣ, соли 1981 рисолаи доктории худро дифоъ намуд. Соли 2000-ум узви ҳақиқии Академияи улуми Ўзбекистон интихоб гардид.

Назар Тӯраев ба сифати олиме, ки дар самти электроникаи физикӣ мактаби худро созмон додааст, сазовори эҳтироми бузург шуд ва дар байни ҳамватанону ҷомеаи байналхалқии илмӣ эътироф гардид.

Бисёр мақола, рисола ва аёниятҳои таълимиву услубии олими фидоӣ бахшида ба масъалаҳои назариявию амалии электроникаи физикӣ чоп шудаанд.

Ӯ ҳамчун устоди ғамхор ва серталаб асосҳои илмро ба бисёр кадрҳои ҷавон омӯзонидааст. Таҳти роҳбарии ӯ зиёда аз 10 доктори илм ва тақрибан 20 нафар номзадҳои илм ба воя расидаанд.

Назар Тӯраев дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол иштирок мекард. Солҳои 1990-1995 ӯ ҳамчун депутати парлумони мамлакат бобати таҳкими асосҳои ҳуқуқии истиқлолияти миллӣ ташаббус зоҳир кардааст.

Хидматҳои академик Назар Тӯраев дар пешрафти илми мамлакат аз ҷониби давлат ба таври муносиб қадр шудаанд. Вай сазовори унвони ифтихории «Арбоби шоистаи илми Ўзбекистон» буд, бо ордени «Меҳнат шуҳрати» мукофотонида шудааст.

Хотираи олими номдор, устоди ғамхор ва инсони хоксор Назар Тӯраев дар қалбҳои мо боқӣ мемонад.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, Б. ЙЎЛДОШЕВ**

# ҶАШНВОРАИ «МАРҲАБО, БА ВАРДОНЗЕ!»

***Тавре ки маълум аст, 27 сентябр Рӯзи байналмилалии сайёҳӣ буд. 26 сентябр бошад, ба ташкилёбии ноҳияи Шофиркон 97 сол пур шуд. Ба ин муносибат 28 сентябри соли равон дар сарзамини бостонӣ – ёдгории таърихии Вардонзе таҳти унвони «Марҳабо, ба Вардонзе!» ҷашнвора баргузор гардид.***

Шаҳраки қадимии Вардонзе дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номҳои «Вардона», «Вардана», «Варданзе», «Варзанзе» машҳур аст. Олимони асри X Абӯрайҳон Берунӣ ва Муҳаммад Наршахӣ дар асарҳои худ «Осор-ул-боқия» ва «Таърихи Бухоро» аз Бухоро куҳантару қадимитар будани Вардонзеро таъкид кардаанд. Агар Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» қалъаи Вардонзеро намояндаи сулолаи Сосониён, шаҳзодаи эронӣ Шоҳпурмалик бунёд кардааст гӯяд, Абӯрайҳон Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» дар дохили қалъаи Вардонзе хешу табори Шоҳпурмалик истиқомат мекарданд, гуфтааст. Шоҳпурмалик рӯду ҷӯйҳои зиёд канда, мавзеъро обод мекунад. Тадриҷан аҳолӣ зиёд шуда, мардум ба гирду атроф мекӯчанд ва аз ин ҳисоб пасу пеш деҳаҳо арзи вуҷуд кардаанд.

Номи имрӯзаи ноҳияи Шофиркон дар манбаъҳои таърихӣ дар шаклҳои «Шоҳпурком» (ҷое, ки писари шоҳ комёб гаштааст) ва «Шоҳпурканд» (рӯде, ки писари шоҳ кандааст) ифода ёфта, бевосита бо Шоҳпурмалик алоқамандӣ дорад.

Бояд гуфт, ки солҳои охир ёдгории таърихии Вардонзе бо ташаббуси сарвари давлат дар қатори дигар иншооти таърихии вилоят шомили Рӯйхати мероси мадании умумиҷаҳонии ЮНЕСКО гардид. Бо ташаббуси ҳокими ноҳия Алишер Файзуллоев дар ҷашнворае, ки дар харобаҳои таърихии Вардонзе бори аввал баргузор шуд, аз гӯшаву канори ноҳия ва вилоят мардуми зиёд ҷамъ омаданд. Дар ин ҷо намоиши либосҳои миллӣ, маҳсули дастони ҳунармандони гулдаст, озмуни пухтани оши палав ва мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, бозиҳои миллӣ, ҳунарнамоии дорбоз, морбозу сангбардорон, мусаввирон, баромадҳои дастаҳои фолклорӣ, санъаткорони шуъбаи маданияти ноҳия ва ғайра ташкил шуданд.

Иштироккунандагон болои тал баромада бо кофтуковҳои ҳафриётии бостоншиносон, манзараҳои дилкаши гирду атроф шинос гардиданд, аз ҳусни табиати зебо баҳра бардоштанд. Дар охир озмуни ош ҷамъбаст шуд ва ғолибон бо мукофотҳои пулӣ сарфароз гаштанд. Ҷашнвора бобати шиносоӣ бо харобаҳои ёдгории таърихии сарзамини Вардонхудотҳо – пойтахти қадимии шофиркониён Вардонзе ва истироҳати табъи дил ба ҳама писанд омад.

– Азбаски дар ин мавзеи муборак тадбири нахустин хеле пурҷозиба ва хотирмон гузашт, минбаъд дар ин ҷо гузаронидани чунин чорабиниҳо мувофиқи мақсад аст, зеро амиқ омӯхтани таърихи кишвар, ҷасорати аҷдодони сарбаланд ба муқобили истилогарон, хусусан ҷавонон зарур аст, – гуфт ҳокими ноҳия Алишер Файзуллоев дар поёни ҷашнвора.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### ИМТИЁЗ ДАР ВОРИДОТИ МОШИНҲОИ БОРКАШ

***Дар Ўзбекистон воситаҳои нақлиёти боркаш аз пардохти боҷи утилизатсия озод карда мешаванд.***

Дар фармони роҳбари давлати мо аз 26 сентябр ҳамин чиз қайд шудааст. Ба фармон «Дар бораи чораҳои навбатии аввалдараҷа оид ба ислоҳ сохтани низоми ташкили муомилот бо партовҳо» иловаҳо дохил карда шуданд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат то 1 январи соли 2024 дар импорт кардани воситаҳои нақлиёти боркаш (мошинҳои партовкашон ва самосвалҳо) миқдори панҷфоизаи ставкавии гумрукӣ ҷорӣ ва онҳо аз боҷи утилизатсионӣ озод карда мешаванд.

### АНҶУМАНИ ҲАРБИЁН ДАР ТОШКАНД

***Дар қасри анҷуманҳои байналхалқии пойтахт анҷумани сардорҳои ситоди мамлакатҳои Осиёи Марказиву Ҷанубӣ баргузор гашт ва дар он намояндагони вазоратҳои дифои Ўзбекистон, ИМА, Покистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон иштирок намуданд.***

Чорабиниро вазири мудофиаи Ўзбекистон Баҳодир Қурбонов ва фармондеҳи артиши марказии Неруи мусаллаҳи ИМА Майкл Курилла оғоз бахшиданд.

Дар доираи анҷуман масъалаҳои амнияти минтақавӣ, мубориза алайҳи терроризм, кумаки башардӯстона ва барқарории минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтанд.

### КИНОЛОИҲА БАРОИ НАВРАСОНИ ЎЗБЕКИСТОНӢ

***1-5 октябр дар Ўзбекистон киноҷашнвораи Аврупо баргузор мешавад.***

Иттиҳоди Аврупо таҳти ҳамдастӣ бо мактаби кино ва театри FOCUS барои бачаҳо кинолоиҳа ба амал баровараданист. Модули таълимии ройгон байни наврасони ўзбекистонӣ ба баланд бардоштани сифати таълим дар соҳаи театр ва синамо нигаронида шудааст.

Лоиҳаи кино дар мавзӯъҳои офаридани филмҳои бадеиву ҳуҷҷатӣ, аниматсионӣ, коргардонӣ, расм, мусиқа, таърихи кино, драма, театр, продюсерӣ, кинематография, адабиёт, корҳои ҷамоатӣ, муҳандиси овоз, журналистика, монтаж ва ҳоказо дарсҳоро муттаҳид месозад.

Модули таълими бепул барои бачаҳо аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад. Мақсад аз лоиҳа беҳтар намудани сифати дониши наврасони диёри мо дар соҳаи театр ва кино мебошад.

Хотиррасон мекунем, солҳои охир киноҷашнвораи Аврупо ҳафт вилояти Ўзбекистонро фаро гирифт. Тақрибан 20 ҳазор нафар тамошобин зиёда аз 90 филмро тамошо кард. Он картинаҳо маҳсулоти 20 давлати Аврупо мебошанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Дар Донишгоҳи давлатии Бухоро ҷашнвораи «Хонатлас – 2023» ташкил карда шуд.*

*Хонатласи Ўзбекистон дар тамоми дунё машҳур аст. Технологияи истеҳсоли газвори мазкур 4 ҳазор сол боз маълум мебошад. Ин матои зебо, ки қадриятҳои азалии халқамонро ифода мекунад, аз ҷумлаи сарватҳои миллии мо ба шумор меравад. Дар он гузаштаи дуру пуршукӯҳ, анъанаҳои қадимӣ, зебопарастӣ барин ҷиҳатҳои мардуми мо, бахусус бонувонамон муҷассам мебошанд.*

*Алҳол ҳифз кардан ва нигоҳ доштани анъанаҳоеро, ки ба фаромӯшӣ гузошта шудаанд, аз ҷумла эҳёи матоъҳои таърихӣ аҳамияти махсус касб менамояд.*

*Дар чорабинӣ бо садоҳои мусиқии миллӣ барои донишҷӯйдухтарон таҳти унвони «Хонатлас» дарси маҳорат гузаронида шуд. Дар ҷашнвора барномаҳои консертӣ, рӯнамоиҳои ороишот ва рақсҳои миллӣ намоиш дода шуданд.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***



# ЭЙ МАҶ, ТУ ШЕЪРҲОИ МАН АЗБАР КУНУ БИХОН!

***Озмуни саросари кишварии қироати ашъори Сардафтари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рӯдакӣ таҳти унвони «Бӯйи ҷӯйи мӯлиён» ба муносибати зодрӯзи ин нобиғаи ҷаҳони андеша ва адаби ҷаҳон, ки аз 20-уми август то 20-уми сентябри соли равон бо ибтикори шабакаи фарҳангии «Тоҷикони ҷаҳон» ҷараён дошт, ба поён расид.***

Дар оғози барнома, ҳайати доварони озмун аз маҷмӯъаи фарҳехтагони илму адаб шакл гирифт, сипас, бо машварати масъулин ойинномаи шароити озмун ва шеваи қироати шеъри Рӯдакӣ тарҳрезӣ шуд. Шартҳо ва шеваҳои қироати шеър як миқдор печида ва мушкил буд. Албатта, ин сабаби хос дошт: шеъри устод Рӯдакӣ бо он шевоӣ ва азамате, ки дорад, мебоист шоиста хонда мешуд.

То охирин рӯзи озмун, дар маҷмӯъ 36 нафар довталаби аз 7 то 70-сола, намунаҳои қироати худро ба шакли намудорӣ (видеоӣ) аз ашъори дилангези Одамушшуарои адабиёти Машриқзамин Рӯдакии бузургвор тақдими шабакаи телегромии фарҳангии «Тоҷикони ҷаҳон» намуданд. Ағлаби ровиён донишомӯзони мактабҳои тоҷикӣ аз навоҳии вилоятҳои Самарқанд ва Тошканд буданд ва инро метавон ба унвони як падидаи зебо, умедворкунанда ва некбинонае баояндаи забону адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷикони Ўзбекистон арзёбӣ кард. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фарзандони мо, навниҳолон ва навҷавонони саодатманди мо баояндаи забону фарҳанги миллии мо беэътибор нестанд.

Ҳайати доварони озмун, ки намояндагони илму адаби тоҷикони Ўзбекистонро дар бар мегирифт, ин ҷараёнро бо диққат ва бо ҳаяҷони хос роҳнамоӣ ва ҳамроҳӣ карданд. Ҷараёни баррасӣ ва арзишдоварии ровиён раванди содае набуд. Зеро ташхиси мақомҳо дар баъзе аз мавори бахсангез ҳам буд. Аммо чӣ метавон кард, ки аз ҳайати 12 нафараи доварони озмун 9 нафар дар доварии корҳо ширкат карданд ва ҳар кадоме аз онҳо назари мутафовите аз ҳамдигар доштанд. Аммо иттифоқан, ҳолатҳои зиёде дар ҷараёни баррасӣ мушобеҳи ҳам буданд. Ҳамин ҳамдилӣ ва шабоҳати назарҳо боиси баррасӣ ва доварии одилона гардид.

Инак, пас аз талошҳои зиёд Фирӯз Абдумӯъминов ба мақоми аввал, Нодираи Тоҳириён ва Сулаймон Содиқов ба мақоми дувум ва ба мақоми савум Хиромони Усмон, Наврӯзи Бобоаҳмад ва Аъзам Лутфуллоев лоиқ дониста шуданд.

Мутаассифона, озмунҳо маҳдудиятҳое дорад, аз ҷумла, наметавонад ҳамаи ширкаткунандагонро ғолиб эълон кунад. Лиҳозо, бақияи дӯстони ровиямон, ба хусус, навниҳолони умедбахши мо, ки бисёр кӯшиш намуданд шеъри устодро устодона бихонанд, низ лоиқи таҳсин ҳастанд ва ҳамаи онҳо бо сертификатҳои вижаи шабакаи ҷаҳонии «Тоҷикони ҷаҳон» ва китобҳои арзишманди адабӣ ба забони тоҷикӣ қадрдонӣ хоҳанд шуд. Умедворем, ин ровиёни навниҳоли мо дар озмунҳоиояндаи қироати шеър муваффақ мегарданд.

Ҳеҷ кори хайре бе пайомади нек нахоҳад монд. Ин озмун, ки барои иртиқои сатҳи китобхонӣ, адабиётдӯстӣ ва парвариши авотифи поку беолойиш ва фазилатҳои ҳамидаи инсонӣ дар ҷомеъа хидмат хоҳад кард, дар саҳифаҳои таърихи фарҳангии мо, форсизабонони ўзбекистонӣ ба унвони аввалин озмуни саросаркишварӣ дар ин мавзӯъ ҷовидонӣ хоҳад монд.

Барандагони озмуни қироати шеъри Рӯдакиро якояк табрику таҳният мегӯяму дар зери гӯшам садои форам ва дилнишини устоди шоирони ҷаҳон – Рӯдакии беназир аз қаъри қарнҳо мерасад, ки ба ману шумо – ровиёни азизи шеъри ӯ ин байтро ба унвони як васият суруда буд:

*Эй Маҷ, ту шеърҳои ман*
*азбар куну бихон,*
*Аз ман дилу сиголишу аз*
*ту тану равон!*

**Ҷаъфар**
**Муҳаммади ТИРМИЗӢ.**

# ПРЕСС-ТУР ДАР «ХОҶАМАЙХОНА»-И МУЪҶИЗАВӢ

***Барои рушди соҳаи туризм дар вилояти Сурхондарё вақтҳои охир як қатор корҳои самарабахш амалӣ шуда истодааст. Барои тарғиби соҳа, алалхусус, ташкили пресс-тур ба ҳукми анъана даромадааст. Ба қарибӣ чунин тадбири хотирмон бо ташаббуси саридораҳои туризм, ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ, мероси маданӣ дар дараи зебоманзари «Хоҷамайхона»-и ноҳияи Бойсун ташкил карда шуд.***

Ноҳияи Бойсун бо табиати нотакрор, манзараҳои дилфиреби тамошобобаш ҳар бинандаро ба худ мафтун мекунад. Алалхусус, дараи Дарбанд ҷойи хушбоду ҳавоест. Аз миёни дара дарёи шӯх ҷорист, ки обаш зулолу шифобахш. Чорбоғаш истироҳатгоҳу «Хоҷамайхона»-аш зиёратгоҳ. Баъди аз ҷониби ҳукумат афзун гаштани эътибор ба соҳаи туризм барои обод намудани ин гӯшаи диёр ҳам аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳам аз ҷониби шахсиятҳои алоҳида камари ҳиммат баста шуд. Шароит барои истироҳати сайёҳон ба маротиб беҳ гардид.

Ҳамин тавр, ҷамоаи бисёрнафара саҳарии барвақт аз шаҳри Тирмиз баромада, ниҳоят ба даромадгоҳи дараи Дарбанд расиданд ва сараввал аз осиёи обии қадима ва таърихӣ, ки ҳоло онро фарзанди меҳнаткаши Дарбанд Чоршанбе Маҷидов мегардонад, дидан намуданд. Журналисту блогерҳо, ин осиёи обиро, ки замоне ягона василаи истеҳсоли орду нони дасторхони мардум буда, кунун сол то сол аз эътибор дур мемонад, бо завқ тамошо ва ҷараёни ордбарориро муоина карданд.

– Аз пирони рӯзгордида шунидаем, ки нони аз орди осиё ва хамиртуруш пухташуда ба меъда ва рӯдаҳои инсон фоидаовар аст, – гуфт осиёбон Чоршанбе Маҷидов. – Одамони пешин аз нони чунин осиёҳо, ки ҳарчанд зуд ҳазм мешавад, серғизо аст, истеъмол намуда, ҷисман бақувват ва солим зиндагӣ мекарданд. Дар замони истиқлол, ки зиндагӣ ба фаровонӣ рӯ овард, ба сабаби кам гаштани мизоҷ осиё ҳам як муддат кор накард, гӯё ки эҳтиёҷе ба осиё намонда бошад. Вале аҳд кардам, ки онро таъмир намуда, дубора барқарор созам, касби падариро идома диҳам. Шукр ҳоло хуб кор карда истодааст. Ҳар сайёҳу раҳгузар истода осиёро бо завқ тамошо мекунад. Аз соли гузашта инҷониб дар назди осиё, чуноне ки мебинед, нонвойхона сохтем, танӯр гузошта аз орди ҳамин осиё нон мепазем. Ҳар раҳгузар аз нони гарми мо харид мекунаду ба меҳнатамон аҳсант мехонад. Боз барои фароғати меҳмонон дар лаби ҷӯйбор ҷойу суффаҳои истироҳатӣ барпо намудем. Оилавӣ кор мекунем ва шукр рӯзгорамон аз пушти ҳамин касби бобоӣ фаровон ва хуш мегузарад.

Аз нақли самимии ин марди меҳнатӣ масрур гашта, бо ҳисси қаноатмандӣ саёҳати хешро давом додем.

Аҳли пресс-тур ба як нафар соҳибкори дигари дарбандӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки ӯ низ кори ҳайратангез эҷод карда буд. Таоми дӯстдоштаи аҳли Бойсун, алалхусус, дарбандиён гӯшти танӯр мебошад. Онҳо бо маҳорати баланд ва меҳри беандоза ин навъи таоми болаззатро мепазанд. Гӯшти танӯр ки дар лахчаи он бо омехтаи зираворҳо пухта мешавад нафъовар мебошад. Тадбиркори ои-лавӣ Рӯзимурод Сафаров низ дар соҳили дарё барои пухтани танӯри хушмазза азм намуда, ҳоло меҳмонону сайёҳонро хушнуд месозад.

– Ман аслан омӯзгорам, дер боз ният мекардам, ки як нуқтаи пухтупази танӯр роҳандозӣ кунам, – гуфт зимни суҳбат Рӯзимурод Сафаров. – Ба ҳокимият муроҷиат кардам, хайрхоҳӣ намуданд. Инак, як ҷойи ноободро, ки партовгоҳ буд, тахту ҳамвор ва тоза намуда, пухтупазро ба роҳ мондем. Оилавӣ кор мекунем. Шукр корамон пеш меравад.

Журналистону блогерҳо саёҳатро давом дода, баъди тай намудани 2 км роҳ сари Ёнарбулоқ таваққуф намуданд. Ин чашма, ки аз кашфи он қариб 40 сол сипарӣ шудааст, муъҷизавист. Бо даргирондани гӯгирдчӯб зуд оташ мегирад.

Ниҳоят, роҳҳои шебу фароз ва морпечро тай намуда, лаб-лаби дарё, ки миёни дараи тангу баланд ҷорӣ мешавад, ба манзили асосӣ – «Хоҷамайхона» қарор гирифтем. Барои дидани нуқтаи баланди кӯҳ ва дараи танг, ки деворкӯҳу камарҳои лайс дорад, ба осмон нигаҳ бояд кард. Ба ин ҷо қариб тамоми рӯз офтоб намерасад. Аз ин рӯ, дар тобистон ҳаво салқину муътадил буда, ба сайёҳону истироҳатчиён хушӣ мебахшад. Қадами сайёҳон канда нест. Оби шифобахше, ки аз ғори калони «Хоҷамайхона» берун меояд дар тобистон хеле сарду дар зимистон гарм аст. Он ба касалиҳои дил, рагу хун, гепатит, ҷароҳати меъда ва нест кардани сангҳои гурдаву талха нафъовар аст. Дар як сония 3 мукааб метр об аз ин чашмаи калон ҷорӣ мешавад. Аз ду қубуре, ки аз ин об кашида мешавад, аз нисф зиёди мардуми ноҳияи Бойсун об меҳӯранд.

Иштирокчиёни пресс-тур дар мавзеи Тангисари ин гӯшаи зебоманзар шоҳиди тамошои ҳунари кӯҳнавардони ҷавон шуданд.

– Кӯҳу қуллаҳои баланду босалобати Бойсун, табиати ба худ хоси тирамоҳи заррин, обу ҳавои хушу форам маро хело мафтун сохт, – гуфт ҳини суҳбат сайёҳи русиягӣ Константин Греченко. – Самимияти одамон, меҳмондӯстиву саховатпешагӣ, маҳорати пазандагиашон ба ман таассуроти аҷиб бахшид.

– Кӯҳҳои Бойсун ба рӯҳи кас оромӣ мебахшанд, – мегӯяд омӯзгори мактаби рақами 28-и ноҳияи Қизириқ Абдурашид Хуррамов. – Аз ин сабаб ҳар сол ба кӯҳистонҳои Бойсун баҳри истироҳат меоям. Имсол бо ду нафар набераам омадем ва аз тамошои кӯҳу дарё, чашмаи «Хоҷамайхона» ва мусобиқаи кӯҳнавардони ҷавон ҳаловат бурдем.

Бешубҳа «Хоҷамайхона» имрӯз диққати на танҳо сайёҳони маҳаллӣ, балки хориҷиро низ ҷалб месозад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**



# ПАРКИ АРХЕОЛОГӢ ДАР АРКИ БУХОРО

***Байни ёдгориҳои таърихии шаҳри Бухоро Арк мавқеи алоҳида дорад. Давраи бунёдшавии ин қалъа ба асри IV пеш аз милод рост меояд. Мегӯянд, ки ин ҳисорро шоҳзода – писари подшоҳи Эрон Сиёвуш сохтааст. Дар тӯли асрҳо ин қалъа ҳамчун маскани ҳукмдорон, амирони Бухоро хидмат кардааст ва таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Арки Бухоро гӯё дар дохили шаҳри кӯҳна худ шаҳрчае буд. Соли 1920, ҳангоми аз ҷониби шӯравиён иҳота гардидани шаҳри куҳна аз се ду ҳиссаи қалъа валангор гашта буд.***

Аз ин рӯ, дар давоми даҳсолаҳо қисми вайроншуда аз назари сайёҳон берун мемонд. Дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва рушди сайёҳӣ дар мамлакат дар қатори дигар объектҳои таърихӣ ба барқароркунӣ, таъмирёбии Арк низ эътибор афзуд. Аз ҷумла, дар қисми вайроншудаи қалъа барои сайёҳони маҳаллию хориҷӣ маскани нави сайёҳӣ – «Парки археологӣ» созмон ёфт. Ин ҷо меҳмонон баробари дидани Арк аз ҷараёни корҳои ҳафриётии бостоншиносон огоҳ гардида, манзараҳои шаҳри кӯҳнаро пеши чашм меоранд. Агар хоҳанд, дар ҷараёни ҳафриётӣ иштирок карда метавонанд.

Бегоҳии 22 сентябри соли ҷорӣ маросими тантанавии кушодашавии «Боғи бостоншиносӣ» ба амал омад. Дар он сайёҳони хориҷӣ, намояндагони ҷамоатӣ ва аҳолии маҳаллӣ, мутахассисони соҳаҳои сайёҳӣ, мероси маданӣ, музейшиносӣ, олимони бостоншинос ва вакилони ВАО иштирок карданд. Ба чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилоят Ботурҷон Шаҳриёров ибтидо гузошт.

– Ниҳоят баъди 103 сол ин маскани барои меҳмонону сайёҳон мамнӯъ кушода шуд. Ин лоиҳа бо дастгирии ЮНЕСКО ва ҳамкории олимони осорхонаи Луври Фаронса ҷомаи амал пӯшид, – гуфт ӯ.

Бостоншиноси машҳур Елизавета Некрасова, ректори ДДБ Обидҷон Ҳамидов, профессори ҳамин даргоҳ, доктори илмҳои таърих Ҳалим Тӯраев, мутахассиси соҳа, узви ИКОМОС Тӯйғун Бобоев низ ба сухан баромада, ҳозиронро бо кушоиши «Парки археологӣ» муборакбод намуданд. Намоишҳои саҳнавӣ, консерти дастаҳои ҳунарӣ ба иштирокдорони тадбир завқи маънавӣ бахшиданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**



*Алҳол дар ҳудуди маҳаллаи «Кӯли Одина»-и ноҳияи Вобкенти вилояти Бухоро дар доираи маҳакҳои «Маҳаллаи обод», «Кӯчаи обод» ва «Хонаи обод» корҳои таҷдидкунӣ амалӣ мегарданд. Низоми муҳандисиву коммуникатсионӣ пурра нав ва бобати беҳтар кардани шароити ҳаёти аҳолӣ чораҳо андешида мешаванд.*

*Дар маҳалла бо назардошти талабот ва муроҷиати аҳолӣ муассисаи таълимии томактабии рақами 12 ва мактаби таълими умумии рақами 22 лоиҳабандӣ ва сохта шуданд.*

*Дар муассисаи таълимии томактабӣ омӯзгорони соҳибмалакае, ки ба тарбияи зиёда аз 100 нафар писарону духтарон машғул мебошанд, кор мекунанд. Иншооти барои шуғл бо бозиҳо, ошхона, хонаҳои шустушӯ ва истироҳат, шуъбаи сантехника ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Кӯдакистони мазкур ба соҳиби маълумот ва ҷисмонан пурқувват гардидани бачагон муосидат мекунад.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ӮзА).***

# МУҲРИДДИН МУАЛЛИМӢ НИЗ МЕКАРД

***Дар Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён одатан муаллимону тарбиятгарон, алоқамандони мактабу маориф иди касбии худро қайд мекунанд. Омӯзгорӣ яке аз касбҳои пуршараф аст. Меарзад муаллим ин санаро чун яке аз рӯзҳои фаромӯшнопазири ҳаёташ ҷашн намояд. Бо шунидани беҳтарин суханҳо ва мавҷи табрикот худро сарбаланд ҳис кунад, мутмаин гардад дар интихоби касб хато накарда будааст. Ба худ фахрад, ки Устод аст...***

Зимнан, ҷуз дабистонҳои муқаррарӣ боз «мактаби устод-шогирд» мавҷуд, ки чӣ будани онро хуб медонем. Анъанаи ин мактаб, ки фарогири соҳоти зиёд аст, давом мекунад. Аз ҷумла, аҳли ҳунар (аҳли санъат) таълиму тарбияи мактаби устодиву шогирдиро дар шароити нав мазмунҳои тоза мебахшанд.

Тасмим гирифтем дар бораи овозхоне як-ду сухан гӯем, ки устодони худро тамоми умр гиромӣ дошт. Дар навбати худ шогирдҳои сазовор тарбия кард. Вай (Муҳриддин Холиқов) ҳоло дар қайди ҳаёт нест, вале нафақат аз ӯ садо (савту суруд) монд, боз шогирдҳое монд, ки хотираашро пос ва номашро зинда медоранд.

Муҳриддин дӯстони зиёд дошт. Вале байни ӯву овозхон Охун Мадалиев ва шоир Муҳаммад Юсуф риштаҳо боз ҳам мустаҳкам буданд. Бародарвор ба ҳам муносибат доштанд. Аз қазо, марги ногаҳонии ин се чеҳраи намоёни ҳунар дар авҷи камолот қариб ба як давр рост омад. Падрудгӯйии «Ситораҳои барвақт хомӯшшуда» мардуми диёрро басо мутаассир сохт.

Мегӯянд, Муҳриддин мошинсавориро чандон хуш надошт. Вақте паси фармон нишаст, оҳиста ва бо эҳтиёт мошин меронд. Вале маҳз мошине, ки дучори садама гашт, ба ҳалокати ӯ сабаб шуд.

Ноябри соли 2001. Моҳи Рамазон. Дӯстон хостанд лаби дарё раванд. Истироҳат дар соҳил хуб гузашт, вале дар бозгашт (мошин аз Қибрай ҷониби Чирчиқ ҳаракат мекард), эҳтимол бинобар носозии техникӣ, фалокат рӯй дод: автомобил ба ҷарӣ парид. Дар паси фармон яке аз рафиқони Муҳриддин нишаста буд. Ҳама ҳалок гашт...

Дар вақташ қариб ҳамаи сурудҳое, ки Муҳриддин иҷро мекард, «хит» шуда буданд. «Паризод», «Меёфтагистам», «Наргис»,»Лайлӣ», «Комила», «Сумбула» барин таронаҳои Муҳриддин Холиқов дар рӯзҳои мо низ шунавандаи зиёд доранд.

Дар давоми фаъолияти ҳунарӣ 20 консерт гузошт. Баробари ӯзбекӣ бо забонҳои арабӣ ва англисӣ месуруд. Ситораи эстрадаи ӯзбек Ботир Зокировро устоди маънавӣ мешумурд. Шералӣ Ҷӯраеви зиндаёдро устоди аввал меҳисобид.

Баъде аз дунё гузашт, додараш Ҳусниддин, ки дар гурӯҳ созанда буд, таронаҳои ӯро иҷро кард. Ба хотири бародар даҳҳо сурудҳои нав офарид. Вале умр ба вай низ вафо накард. Додари хурдӣ Шаҳобиддин, айни замон, аҳли санъат аст. Қалами нависандагӣ низ дорад.

На ҳама чеҳраҳои ҳунар ба тарбияи шогирд таваҷҷуҳ доранд. Мисле шунидани калимаи «устод», эҳтироми ҷавононе, ки аз онҳо тарбият мегиранд, барояшон беаҳамият. Аммо Муҳриддин Холиқов вақти зиёди худро бо шогирдон мегузаронд. На танҳо сарояндагони ҷавон, айни дам Обид Асомов ва Шукрулло Исроилов барин ширинкорҳо аз маслиҳат ва сабақҳояш баҳра бардоштаанд, ки баъдан инро борҳо иқрор гаштанд.

Сентябри соли 2012 дар қасри муҳташами «Дӯстии халқҳо»-и пойтахт ба хотири сарояндаи номвар, Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ Муҳриддин Холиқов шабнишинӣ бо унвони «Аз пайи устодон» рӯйи кор омад. Дар ёдбуд онҳое бо баромадҳои ҷолиб эътибори умумро ба худ кашиданд, ки худро бевосита ё билвосита шогирди Муҳриддин мешумурданд. Баробари шогирдон Алишер Файз ва Нуруллоҳ Зарифов овозхонҳои маъруфе чун Азим Муллохонов ва Ғиёс Бойтоев таронаҳои Муҳриддинро суруданд. Ва гуфтанд ҳар қадар назди хотираи устодоне чун Муҳриддин Холиқов сари таъзим фуруд орем, кам аст. Дар воқеъ, қисмате аз шогирдони М. Холиқов ҳоло шахсиятҳои номваранд ва худ ба дараҷаи устодӣ расидаанд. Аз ҷумла, Озодбек Назарбеков, Абдулло Қурбонов ва Анвар Санаев барин ситорагони санъати эстрадии рӯз худро шогирди Муҳриддин Холиқов меҳисобанд.

Оре, давраҳое буд, ки овозхони шинохта М. Холиқов муаллимӣ низ кунад, чун мураббӣ ба халқи хеш хидмати шоиста намояд.

**Ш. МУҲАММАД.**

***Дар сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шарафи рӯзи низоми кормандони дипломатӣ нишасте баргузор гардид. Дар он Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тошканд Абдуҷаббор Раҳмонзода баромад кард.***

# МАҲФИЛИ ЗЕБОЕ БАРГУЗОР ШУД

– Бо шукргузориҳо метавон гуфт, ки хидмати шоистаи кормандони низоми дипломатӣ мусоидат намудааст, ки риштаҳои дӯстиву рафоқати миёни тоҷикону ӯзбекон сол аз сол мустаҳкам ва ҳамкориҳои ду кишвари ҳамҷавор беш аз пеш доман фарох намоянд, – гуфт Абдуҷаббор Раҳмонзода.

Ҷаноби сафир ёдовар шуд, ки натиҷаи беҳбуди ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар мисоли ба унвонҳои олии «Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон» сарфароз гардидани Шералӣ Ҷӯраев ва Матлуба Додобоева метавон дид.

Баъд Абдуҷаббор Раҳмонзода ба пажӯҳишгари тоҷик Олимҷон Даҷвлатов ва шоиру тарҷимон Файзхоҷа Маҳмуд «Ташаккурнома»-ҳои сафоратро супурд.

– Ин ҷамъомади мо боз як миссияи хуберо низ дар худ гунҷоиш додааст. Ҳунарпешаи хушсалиқаи тоҷикону ӯзбекон Хайрулло Насриддинов бо амри Президенти Тоҷикистон ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон бо унвони Ҳофизи халқии Тоҷикистон сазовор гардонида шуд. Ҳоло маҳз дар ҳузури шумо ин мукофот ва гувоҳномаи он тантанавӣ ба соҳибаш тақдим мегардад, – эълон кард Абдуҷаббор Раҳмонзода.

Баъд вай нишони «Ҳофизи халқии Тоҷикистон»-ро ба сари синаи Хайрулло Насриддинов овехт ва гувоҳномаашро тақдим намуд.

– Ману Хайрулло Насриддинов зодагони ноҳияи ҳамеша баҳору зебои Бойсун ҳастем. Сокинони ин ноҳия – тоҷикону ӯзбекон ҳамеша дар фазои дӯстиву рафоқат кору зиндагӣ карда омадаанд ва ин анъанаи нек имрӯз низ давом дорад. Хайрулло аллакай ба унвони «Ҳунарпешаи шоиста» сазовор гардида буд ва аз ин хабар сари мо – дӯстонаш ба фалакҳо дакка мехӯрд. Имрӯз боз шоҳиди як воқеаи хубу хотирмон шудам: дӯсти давраҳои наврасиву ҷавониам– Хайруллои азиз ба чунин унвони баланд сазовор шудааст ва инро барош самимона табрику шодбош мегӯям. Ҷойи шубҳа нест, ки ин хабар тамоми аҳли адабу фарҳанги ӯзбекро низ шод хоҳад сохт, – гуфт Шоири халқии Ӯзбекистон Усмон Азим.

Ба таъкиди Усмон Азим ин овозхон рамзи дӯстии тоҷикону ӯзбекон аст ва минбаъд низ дар роҳи хидмат ин рисолатро давом хоҳад дод.

– Аз сазовор гардидани акои Хайруллои Насриддин ба ин унвон ҳамаи мардуми вилояти Сурхондарё шоду мамнун хоҳад гашт. Дар ҳақиқат, вай беҳуда ба чунин унвони баланд соҳиб нашудааст. Дар ин ҷода хидматҳои бузурги вайро мардуми ду кишвари дӯсту ҳамҷавор – Ӯзбекистону Тоҷикистон хеле хуб медонанд, – изҳор намуд Олимҷон Давлатов.

Ёдовар мешавем, ки Хайрулло Насриддинов зодаи ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё мебошад. Вай дар авоили солҳои 70-уми асри гузашта Донишкадаи ҳунарҳои зебои Тоҷикистон ба номи М.Турсунзодаро хатм кардааст. Пас як муддат ба ҳайси актёр дар Театри давлатии драмаи ба номи Лоҳутӣ кор кардааст. Аммо бо исрори падари шодравонаш ба зодгоҳаш– деҳаи Пусурхии ноҳияи Бойсун баргаштааст ва то ҳол дар байни мардум ҳунарнамоӣ мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ДАР БОҒИ ДОНИШУ МАЪРИФАТ

Дар ҳар ҷое, ки об ҳаст ободӣ, тозагиву озодагӣ, фаровонӣ, файзу барака ҳам мешавад. Нахлҳои навбар ва ниҳолҳои гуногуни гул нашъунамо меёбанд. Аз дарвоза ворид шудан замон, бӯйи хуши гули нозбӯ ба машом мерасад. Ман ин қабил манзараи зеборо дар ҳавлии бархе аз маърифатгоҳҳо борҳо дидаам. Обу ободӣ, гуфтаанд. Аммо ин худ аз худ даст намедиҳад. Ба парвариши он меҳри дил зарур аст...

Маърифатгоҳҳои таълимӣ ҳам ба боғҳо ва омӯзгоронаш ба боғбонон шабоҳат доранд.

Мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 6-уми деҳаи Чаканд дар қаламрави ноҳияи Янгиобод воқеъ аст ва дар ноҳия ягона муассисаи таълим ба забони тоҷикӣ мебошад. Ин мактаб солҳои охир пурра рӯйи таъмирро дид. Ва акнун намои замонавӣ гирифтааст. Боғ ҳам дорад. Азбаски аз чашмаи болои деҳ хати об кашида овардаанд, нашъунамои буттаву дарахтон низ хуб аст.

– Дар соли хониши нав ду синфхонаи нав таъсис додем, – мегӯяд сарвари мактаб Мавҷуда Турдиева. – Яке он синфи омӯзондани қоидаи ҳаракати роҳ бошад, дигараш барои аз бар кардани ҳунари дӯзандагӣ баҳри духтарон муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дарсҳо дар синфи қоидаи ҳаракати роҳ дар асоси технологияи инноватсионӣ мегузаранд. Барои синфи касбу ҳунаромӯзӣ мошини дарздӯзӣ оварданд. Бояд гуфт, ки дар миқёси ноҳия ҳамагӣ дар ду мактаб: дар мо ва мактаби рақами 18-ум ҳамин гуна синфхонаҳо таъсис ёфтаанд.



Дар ҳамаи синфҳо дарсҳо ҷараён доштанд. Хурдтаракони синфҳои ибтидоӣ ҳамроҳи устодашон Раҳбарой Абдусамиева ва Райҳона Ҷӯраева барои аз бар намудани фазлу дониш кӯшиш мекарданд. Бо гӯши ҳуш гуфтаҳои устод – муаллимаашонро мешуниданд. Ба суолҳои онҳо посух медоданд. Бо як сухан дар боғи донишу маърифат мисле, ки боғбонон ниҳолҳои боғро бо меҳр парвариш мекунанд, то ки мева диҳад, ин омӯзгорон ҳам пайи донишандӯзӣ ва маърифатнок шудани насли наврас камари ҳиммат бастаанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Суратгир: Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.***

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**30 сентябр – Рӯзи бузургдошти Мавлавӣ буд**

# МАВЛАВӢ АМРИКОРО ФАТҲ МЕКУНАД

*Маснавии маънавии Мавлавӣ,*
*Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.*

Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ аз зумраи бузургтарин мутафаккирону донишмандон ва адибони порсизабон ба шумор меравад ва дар таърихи адабиёти ҷаҳон мақоми арзандаеро дорост. Беш аз ҳафтсад сол мешавад, ки андешаҳои баландпарвози ӯ қалби миллионҳо сокинони дунёро тасхир месозад. Гӯё пири хирадманд – Мавлонои Рум дар даст чароғи ирфону маърифат дар ҷустуҷӯи Инсони комил аст, кӯй ба кӯй, гузар ба гузар, кӯча ба кӯча, деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр, кишвар ба кишвар мегардад, паёми ойини Ҳақ, озодию озодандешӣ, сулҳу сафо, баробариву бародариро ба мардум мерасонад, то ки онҳо худро ва саранҷом офарандаи хеш Худованди мутаъолро бишиносанду ба камол бирасанд ва саодати ҳар ду ҷаҳонро ба даст биоваранд. Ба қавли худи он ҳазрат:

*З-ин ҳамраҳони сустаносир, дилам гирифт,*
*Шери Худову Рустами дастонам орзуст.*
*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад малуламу Инсонам орзуст.*

Инак, тайи чанд соли охир афкори ин намояндаи маъруфи тамаддуни эронӣ ва исломӣ ба мамолики Ғарб, ба хусус, Иёлоти Муттаҳидаи Америко роҳ ёфта, дар дили ҳазорон нафар мардуми гуногуннажоду мухталифзабон ва маънавиятҷӯйи ин сарзамин маъво мегузорад. Хабаргузории сайти «Донишҷӯёни эронӣ»-и пойгоҳи интернетии Вазорати умури хориҷаи ИМА иттилоъ медиҳад, ки Мавлоно Румӣ дар Америко маҳбубтарин шоир ба шумор меравад. Ҳам акнун маҳфилҳои дарсӣ марбут ба осори ӯ дар тамоми нуқоти ин кишвар вуҷуд доранд ва ин дар ҳолест, ки ду даҳсола пеш камтар касе ӯро мешинохт. Баррасиву суханрониҳо, мутолиаи осори ӯ дар бахшҳои фарҳангӣ, матолиби зиёде аз аҳвол ва осори вай дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳои ҳама шаҳрҳои бузурги Америко ба нашр мерасанд. Гурӯҳе аз кормандони телевизиони ин кишвар барномаи ҷолиберо роҷеъ ба зиндагинома ва осори ӯ сабт карда, ба маърази намоиши миллионҳо тамошобинон гузоштаанд. Ин ҳама рӯйдодҳои фарҳангӣ марбут ба Ҷалолиддини Балхӣ-Румӣ нишондиҳандаи баланди маҳбубияти ӯ дар Америко ба шумор меравад. Ин хабаргузорӣ қайд мекунад, ки таваҷҷӯҳи ҷомеаи Америко рӯз то рӯз ва сол то сол ба шахсият ва осори пурарзиши Мавлоно зиёд мегардад ва бо баёни матолиби боло чунин меафзояд: дар ҳақиқат ин шоир ба ҳеч унвон америкоӣ нест. Америкоиҳо ҳам наметавонанд чеҳраи ӯро ба таври зинда дар толорҳо, хиёбону гулгаштҳо ва ё дар барномаҳои телевизионӣ бубинанд. Зеро вай беш аз ҳафтсад сол қалб аз ин даргузаштааст ва агар номи ӯ муддати замони кӯтоҳест, ки дар Америко ба номи ошно табдил ёфта бошад, эрониҳо ва дигар мардумони форсизабони ҷаҳон қарнҳои зиёдест, ки вайро хеле хуб мешиносанд ва аз осори пурарзиши ӯ баҳраҳо мебардоранд. Ному насаби аслии ӯ Ҷалолиддин Балхист ва ӯ дар Америко бо нисбаи Румӣ бештар шуҳрат дорад.

Тибқи маълумоти чандин сарчашмаи муҳим ва муътамад дар ИМА китобҳои Мавлоно Балхӣ солҳои охир беш аз осори ҳар шоири дигаре дар ин кишвар ба фурӯш расидааст. Таъсири сайти махсус таҳти унвони «Румӣ» дар барномаи интернетӣ дар як муддати кӯтоҳ беш аз ҳаштсад ҳазор нафар америкоиҳоро ба худ ҷалб намуда ва онҳо аз матолиби он истифода бурдаанд. Ному тасвири Мавлонои Рум дар китобҳо, лавҳаҳо, тақвимҳо, дӯконҳои китобфурӯшӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо, мактабу донишгоҳҳои саросари Америко хеле зиёд ба назар мерасад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шахсият ва осори ин мутафаккири бузурги исломии форсизабон торафт дар кишвари он тарафи укёнус нуфуз пайдо намуда, мақом ва манзалати волоеро касб мекунад.

Дар гузориши интернетии мазкур омадааст, ки теъдоде аз коршиносон ва пажӯҳишгарон бар он боваранд, ки Мавлоно Ҷалолиддин пас аз ҳамалоти террористии 11 сентябри соли 2001-ум нақши пули муҳимеро байни ҷомеаи Америко ва олами ислом мебозад. Миллионҳо мардуми ғайримусалмон баъди ошноӣ пайдо кардан бо осор ва афкори ин мутафаккири бузурги исломӣ бовар ҳосил мекунанд, ки пайравони ин дини мубин, дорои тамаддуни олӣ ва афкори башардӯстӣ ҳеч гоҳ даст ба чунин ҷинояти мудҳиш – амалиёти террористӣ намезананд. Бинобар ин асли ҳодисаро ҷустуҷӯ намуда, дармеёбанд, ки ин ҳама дасиса ва тавтеаҳо кори душманони ислом аст. Зеро Мавлоно дар ашъори худ ғояҳои дӯстиву бародарӣ, ваҳдату баробарии ҳамаи қавму миллатҳоро новобаста аз нажод ва забону фарҳанги мухталиф тарғиб намуда, мефармояд: «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст». Ё ин ки:

*Ҳарфи бадро бар забон бурдан хатост,*
*Кофиру муъмин ҳама халқи Худост.*

Дар ҷодаи тарҷума ва густариши осори гаронбаҳои Мавлоно шоири олмонинажоди америкоӣ Ҳанс Моинк саҳми бузург гузоштааст. Ӯ зимни мусоҳиба ба хабарнигорон изҳор намудааст, ки маъмурияти тарҷумаи осори Мавлоно Ҷалолиддин ба таври тасодуфӣ сурат гирифтааст. Бори нахуст осори Румиро нависандаи америкоӣ Роберт Болай дар соли 1972 ба забони англисӣ ва ба тариқи наср тарҷума намуда, ба чоп расонида буд, вале он чандон маъруфият пайдо накард. Зеро сабки тарҷума душвор анҷом гирифта буд. Рӯзе тасодуфан ин мутарҷим ба Ҳанс Моинк вохӯрда, як нусхаи китоби тарҷумакардаи хешро ба ӯ тақдим мекунад. Ин шоири номвари америкоӣ баъди мутолиаи китоб ба ваҷд омада мегӯяд: «Ин ашъор бояд аз қафасҳояшон озод шаванд» ва ӯ бо камоли шавқу завқ ба баргардони ашъори баландмазмуни шоири бузурги ирфонӣ ба тариқи назм пардохт ва ниҳоят китобро ба чоп расонид ва дере нагузашта дар байни мардуми андешапарвари Америко шуҳрати беандоза пайдо кард.

Шоири дигаре, ки дар тарҷума ва тарғиби ашъори безаволи Мавлоно нақши бузург бозидааст, Климан Боркс мебошад. Муваффақият ва комёбии намоёни тарғиби шахсият ва осори гаронбаҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо ҳамин фаъолияти ин шоири номдор ва боистеъдоди америкоӣ марбут аст. Китоби таълифнамудаи ӯ бо номи «Румӣ» беш аз ҳар рӯйдоди дигаре боиси зуҳури барқовари алоқа ва дилбастагии мардуми Америко ба шахсият ва осори ин шоири нобиғаи форсизабон гардид, – чунин ақида доранд коршиносон ва пажӯҳишгарони афкори ҷомеаи Америко.

Климан Боркс изҳор намудааст, ки ният дорад ба зодгоҳи Ҷалолиддин Румӣ – шаҳри Балх сафар намояд ва дар он ҷо маҳфилҳои румихониро барпо созад ва ашъори ин мутафаккири бузурги эронӣ ва исломӣ ҳам ба забони асл – форсӣ ва ҳам ба забони тарҷума – англисӣ садо диҳад, то ки ҳазорон мардум аз ин баҳри бекарони маърифат ва ирфони Мавлоно баҳра бардоранд.

Хабаргузории мазкур дар фарҷоми гузориши худ менависад: «Ин ҳисси кунҷковию шавқу завқи беандоза, майл ба таҷрибаандӯзӣ ва дарки афкору ақидаҳои пешқадам, озодандешӣ, маърифатпарварӣ, инсондӯстиву тарғиби ғояҳои бародариву баробарӣ аз хислатҳои муштараки Мавлоно ва Климан Боркс мебошанд ва ин ду инсони мутафовит ва дорои фарҳанги мухталифро ба якдигар васл ва пайванд сохтааст».

Оре, рисолати боло ва волои Мавлоно низ аз ҳамин иборат аст, ки худ барҳақ фармуда:

*Мо барои васл кардан омадем,*
*На барои фасл кардан омадем.*

**Қиёмуддин САТТОРӢ.**

**5 октябр — Рӯзи иди забони тоҷикӣ**

# МАНФРЕД ЛОРЕНС – ШАРҚШИНОСИ ОЛМОНӢ, КИ ДӮСТИ ТОҶИКОН БУД



Соли 1976. Дар курси дуюми факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мекардам. Декани факултет, олими намоён, инсони заковатманд, профессор Мансур Бобохонов дар даст як лифофа (конверт) барои хондани маърӯзаи навбатии оид ба ташаккули муносибатҳои капиталистӣ дар Туркистон вориди дарсхона шуданд. Устод пеш аз хондани маърӯза лифофаро кушода ба мо – донишҷӯён рӯй оварданд:

– Се-чор дақиқа вақтатонро мегирам. Ба ман имрӯз номае расид. Фикр мекунам, мазмуни он барои шумо низ аз фоида холӣ нахоҳад буд...

Мазмуни нома хулосатан ин гуна буд. Муаллифи мактуб аз ҳолу аҳволи падари устоди мо дар шаҳри Конибодом пурсида, хотироти неки худро аз суҳбати рӯйикатии ҳавлиашон баён мекард. Аз хусуси илми забоншиносӣ ва таърихи мардуми кӯҳистони Тоҷикистон, чопи мақолаҳо ва идомаи тадқиқоти оид ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳарф мезад. Аз тарзи баёни муаллиф пиндоштем, ки вай як нафар олими тоҷик аст, ки бо устоди мо – Мансур Бобохонов як ҷо ба камол расидаанд ё як ҷо таҳсил гирифтаанд. Аз ин рӯ, мазмуни мактубро чун як мукотибаи одатии байни дӯстон қабул кардем. Аммо хато карда будаем.

– Медонед, ин мактуб ба қалами кӣ мансуб аст? Имзои онро мехонам, – гуфт устод: Дӯстатон Манфред Лоренс аз Ҳумболди Ҷумҳурии Демократии Олмон.

Якбора ҳама мутаҳаййир шудем.

Зеро як мутахассиси олмонӣ ба забони тоҷикӣ чунон сухан кардааст, ки ӯ гӯё дар ягон деҳаи тоҷикнишин, дар оғӯши падару модари тоҷиктабор ба дунё омада, ба камол расида бошад. Зеро, ҳатто тариқи ҳолпурсиаш ҳам тоҷикона буд.

Устод илова карданд: – Забони модариамонро мисли Манфреди немис дӯст доред.

Аз байн ду сол гузашт. Моҳи апрели соли 1978 ба муносибати 100-умин солгарди рӯзи таваллуди адиби забардасти тоҷик Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе, аз ҷумла дар донишгоҳи мо тадбиру мулоқотҳо баргузор мешуданд. Дар назди меҳмонхонаи «Душанбе» пайкараи муҳташами устод Айнӣ ва қаҳрамонҳои асарҳои вай қомат афрохт. Китобу мусавварахои бахшида ба ин устоди беназир ва муҳаққиқи нуктасанҷ нашр шуданд. Аз кишварҳои гуногуни дунё ба ин ҷашни дар асл ҳам умумимиллӣ меҳмонони зиёд, чеҳраҳои шинохта, аз ҷумла Файз Аҳмади Файзи покистонӣ, мунаққид ва тарҷумони устод Айнӣ аз Чехия Иржи Бечка, аз Ленинград лаҳҷашинос (диалектолог) профессор Анна Розенфелд ва дигарон ташриф оварданд.

Рӯзе дар факултети мо низ дар доираи ин ҷашни бузурги адабиёт бо меҳмонони хориҷӣ вохӯрӣ ба амал омад. Дар сафи пеши меҳмонон ҳамон муаллифи нома ба устод, Манфред Лоренс ҳам иштирок дошт ва ба забони тоҷикӣ дар бораи хусусиятҳои забонии асарҳои устод Айнӣ суханронӣ намуд. Пас аз он, устод Бобохонов дар конфронсе, ки дар Донишгоҳи Ҳумболд баргузор шуд, иштирок кард.

Аз байн солҳо гузаштанд...

Бар асари номусоидӣ ва номувофиқиҳои муносибoти байни ду кишвари ҳамсоя мо аз рӯзгори тоҷикону Тоҷикистон каме бехабар мондем. Моҳи июни соли 2017 дар шабакаи Интернет хабаре нашр шуд: як моҳ қабл аз ин (дақиқан 25-уми май) дӯсти наздики Тоҷикистон, профессор, шарқшиноси маъруф Манфред Лоренс дар синни 89-солагӣ дар шаҳри Берлин аз олам гузашт.

Хӯш, дар бораи ин марди шариф, дӯстдори фарҳангу забони тоҷикӣ чиҳо медонему чиҳо бояд донем?

Дар ин бобат ба мо мақолаҳои нашрияи «Азия Плюс» кумак расонд. Ногуфта намонад, ки раҳбари ин сайту нашрия дар Тоҷикистон писари устоди мо, ҳамон Мансур Бобохонови дӯсти овони аспирантии Манфред Лоренс дар Душанбе Умед Бобохонов аст, ки бешак аз суҳбати он инсони нек баҳраманд шудааст.

Аввал бояд гуфт, ки Манфред Лоренс пас аз хатми шуъбаи эроншиносии Донишгоҳи Берлин ба аспирантура дохил шуда, таҳти роҳбарии адиби эронӣ Бузурги Алавӣ кори илмиро оғоз менамояд ва соли 1957 барои омӯхтани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба Тоҷикистон меояд. Дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон назди профессор Додоҷон Тоҷиев, Соҳиб Табаров бо мероси С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва дигар адибони тоҷик шинос шуда, ҳангоми таҳсил дар аспирантура дар хобгоҳ бо Бобохонов ошно мешавад ва ҳамин тавр дӯстию рафоқати беш аз 60-солаи ду инсони шариф ва олимони нуктасанҷ оғоз меёбад. Хеле баъдтар профессор Иброҳим Усмон аз суханони М. Лоренс дар бораи дӯсташ Бобохонов дар Берлин ба завқ омада навишта буд, ки «Ба мо — тоҷикон мояи ифтихор буд, ки дар мусофират як марди орифи немис, ки номи дунёӣ дорад, самимона ҳамдиёри моро сифат мекард. Меҳри мо ба ин васила ба устод дучанд меафзуд». Ин олими шинохта, профессори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Манфред Лоренс зимни суҳбат бо сафири Тоҷикистон дар Олмон Соҳибназар Ғайратшо гуфтааст, ки «Баъди ба Олмон баргаштан бо эҳсосоти форам ба наздиконам мегуфтам, ки ман ҳамчун узви як оила дар Конибодоми Тоҷикистон эътироф шудаам. «Падари тоҷикам» (манзураш падари Бобохонов) вақти гусели ману ҳамсарам ба Олмон хеле ашк рехта буд. Чунин ашкрезии як нафар пирамард аз ҳама чизи дунё арзишмандтар аст, агарчи он таҷассумгари меҳру муҳаббат ва ғояти дӯстии самимӣ буд. Мо ба забони тоҷикӣ суҳбат мекардем, ҳатто бо гузашти чандин солҳо низ, вақте Мансур бо хонумаш Зебо меҳмони ман дар Берлин буданд, суҳбатҳои мо бо забони тоҷикӣ сурат мегирифтанд».

Дар овони донишҷӯӣ Манфред ҳатто дар маъракаи пахтачинӣ дар ноҳияҳои гуногуни вилояти Қӯрғонтеппа иштирок кардааст. «Пахта чидан осон набуд, лабҳоям кафида, варам карданд», ба ёд оварда буд Лоренс. Чойнӯшиву чойрезии тоҷикона ӯро ба ҳайрат гузошта буд. Чун мухлиси шеърияти тоҷикию форсӣ соли 1987 дар ҷашни 100-умин солгарди Абулқосими Лоҳутӣ дар Душанбе низ иштирок дошт. Ҳамин тариқ, ӯ борҳо ба Тоҷикистон омадааст.

М. Лоренс баъди баргаштан ба ватанаш барои тарғиби забон ва адабиёти тоҷик кӯшиши зиёд мекунад. Шояд садҳо нафар ҷавонони олмонро бо олами забону адабиёти тоҷик ошно намудааст. Зиёда аз ин, мегӯянд, ки ӯ ҳангоми мулоқоти роҳбарони Олмон ва Эрону Афғонистон вазифаи тарҷумониро ҳам иҷро кардааст.

Манфред Лоренс дар яке аз мусоҳибаҳояш бо хабарнигорони тоҷик нисбати тоҷикону Тоҷикистон муҳаббати худро ин гуна изҳор намуда буд: «Ҳар боре, ки давރони ҷавониро пеши назар меорам, симои дӯстонам, Тоҷикистон ва лаҳзаҳои сафарам ба ин кишвар пеши назар меоянд. Эҳ, чи қадар давраҳои хуб буд. Ман ба Тоҷикистони офтобӣ ва мардуми наҷиби он сулҳ ва некуаҳволии афзоянда таманно дорам. Аз нафароне, ки дар таҳияи кори илмии ман саҳм гузоштаанд, миннатдорам». Сипас дар бораи хӯрокҳои лазизи палаву манту ва ғайра бозавқ ҳарф задааст. Ӯ ғайр аз забони тоҷикӣ инчунин забонҳои русӣ, урду, осетинӣ, полякӣ, арабию пуштуро низ медонист.

Соли 2011 Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳангоми сафари расмӣ ба Олмон Манфред Лоренсро барои саҳми бузургаш дар мустаҳкам кардани дӯстии байни кишварҳо ва халқҳо бо ордени «Дӯстӣ» мукофотонид.

Чанд рӯз қабл ба камина муяссар шуд, ки як мақолаи ҷолиби Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, инсони донишманд, Абдуҷаббор Раҳмонзодаро дар бораи «дипломатияи фарҳангӣ» мутолиа кунам. Инсонҳои шарифу фарҳангдӯст аз қабили Манфред Лоренс айнан дар риштаи дипломатияи фарҳангӣ, яъне таҳкими равобити дӯстӣ бо халқҳои дунё ба воситаи фарҳангу илм саҳмгузор ва муваффақ шудаанд. То замоне, ки чунин одамон ҳастанд, дунё, зиндагӣ зебо ва пурмазмун аст!

**Шоқаҳҳори МУҲАББАТЗОД.**

***Бо ташаббус ва ҷонибдории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин Вазорати таълими томактабӣ ва мактаб тӯли се соли охир бори аввал дар асоси «Дастури таълими миллӣ» ва таҷрибаҳои пешқадами хориҷӣ – Финляндия китобҳои дарсии «Забони модарӣ ва хониш», «Дафтари машқ», «Методикаи таълими «Алифбо», «Методикаи таълими забони модарӣ ва хониш» бо теъдоди зиёд чоп гардиданд. Табъу нашр ва дастрас шудани китобҳои дарсии тозанашр, роҳнамои омӯзгор, маводҳои аудиою видеоӣ дар ҷодаи таълими забони тоҷикӣ амалиёт ва методологияи навро ба майдон оварда, барои омӯзиши забони тоҷикӣ ва фанҳои дигар шароит муҳайё карданд.***

# ЗАБОН – САРЧАШМАИ ҲАЁТ

Ҳоло замоне фаро расидааст, ки насли наврас бояд баробари дарёфти дониши амиқу дақиқ аз воситаҳои гуногуни технологияи муосир, иттилоот, интернет бохабару баҳравар бошад ва ҷомеаро бо кашфиёти нав пеш барад. Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки онҳо бо истифода аз технологияи муосир технологияи навро офаранда, беш аз пеш комёб мешаванд.

Бо бовари комил метавон гуфт, ки забони тоҷикӣ ва таълими он дар Ӯзбекистон аз масъалаҳои муҳим ва мубрам ба шумор меравад. Маълум аст, ки забон бо мурури замон тағйир меёбад, таркиби луғавиаш бо вожаву калимаҳои нав сарватмандтар мегардад. Таркиби луғавии ҳар як забон оинаест, ки аз тариқи он аҳволи моддӣ ва маънавии соҳибонаш равшан намоён мегардад.

Забони тоҷикӣ низ аз чунин тағйироту таҳаввулот дар канор нест. Моро, ки таърихан миллати бузург ҳастем ва аз ниёгони худ забони бисёр шевову зеборо ба мерос гирифта, тайи ҳазорсолаҳо ҳифз кардаем, воҷиб аст, ки минбаъд ин мероси гаронбаҳоро бо зебоӣ ва шевоии бештару беҳтар ба ояндагон интиқол бидиҳем.

Сиёсати хирадмандонаву некбинонаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муаммоҳои табъу нашри китобҳои дарсӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои забони тоҷикиро бо пуррагӣ рафъ намуд. Чун натиҷаи ин амалҳои нек дар вилояти Самарқанд аз моҳи марти соли 2022 нашри маҷаллаи адабию илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» ба роҳ монда шуд. То имрӯз ҳафт шумораи маҷаллаи мазкур рӯйи чопро дида, дастраси муштариёни сершумор ва мардум гардид. Бояд гуфт, ки шумораҳои рангину пурмуҳтавои маҷаллаи тозанашр дар якҷоягӣ ва инчунин дар алоҳидагӣ, бидуни шубҳа, барои баланд бардоштани савияи дониш, хештаншиносии хонандагонаш ва рушди забони тоҷикӣ аз наздик ёрӣ мерасонад. Маҷалла дар муддати хеле кӯтоҳ шуҳрат пайдо намуда, бобати донистани вазъи ҳавзаҳои адабӣ ва қарин кардани робитаҳои адабии онҳо имконият фароҳам овард. Дар натиҷа чунин алоқаҳо қавитар гардиданд. Дар шаҳри Самарқанд бахши тоҷикии иттифоқи нависандгони Ӯзбекистон ташкил карда шуд. Аъзои он бо навиштани асарҳои назмиву насрӣ, тарҷумаи осори гаронбаҳои тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ ва баръакс ӯзбекӣ ба тоҷикӣ, ҳамчунин вусъатёбии соҳаҳои адабиётшиносиву забоншиносӣ саҳмгузоранд. Китобҳои тозанашри шоирону навсандагони ҳамзамон низ баҳри боз ҳам афзудани дониш ва зиёд гардидани захираи луғавӣ хидмат мекунанд.

Дар чанде аз вилоятҳои Ӯзбекистон ва инчунин шаҳри Тошканд чопи рӯзномаҳои тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст, ки онҳо низ дар рушд ва вусъатёбии забони тоҷикӣ аз наздик ёрӣ мерасонанд. Забони тоҷикӣ ба воситаи нашри ин рӯзнома ва маҷаллаҳо такмил меёбад, сарватмандтар ва пурфасоҳат мегардад.

Рӯзномаи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» аз 25 августи соли 1924 бо чопу интишори матолиби пурмуҳтаво ва рангин барои рушди забони тоҷикӣ хидмат менамояд. Кормандон ва журналистони рӯзнома дар инкишофи забон, услуб ва меъёрҳои он бо ҷоннисорӣ хидмат мекунанд. Аҳли нашрия ният доранд, якҷо бо мардуми фарҳангдӯсти кишвар соли 2024 ҷашни мутантани 100-солагии «Овози тоҷик»-ро таҷлил намоянд. Бовар дорем, ки мардуми рӯзномадӯсти мо ба муносибати ин санаи хотирмон дар хусуси табъу нашр, маводҳои он фикру мулоҳизаҳои некбинонаи худро, албатта, менависанд.

Хурсандиовар он аст, ки Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон муассисии рӯзномаро бар ӯҳда гирифтааст. Ин аз он далолат медиҳад, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» боз солҳои дуру дароз фаъолияташро идома дода, ба нашъунамои забони тоҷикӣ, меъёр ва услубҳои он саҳми босазо хоҳад гузошт.

Забони тоҷикӣ чун ҳодисаи иҷтимоӣ дар ҷомеъ, алалхусус дар кишвари мо мавқеи муайян дорад. Тағйироту пешравиҳои илму фан, техника, санъат ва маданият, робита ва ҳамкориҳои тарафайн бо аҳолии гуногунмиллат ба боз ҳам сарватманд гардидани таркиби луғавии забон мусоидат менамоянд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон тибқи қонунгузорӣ барои ҳамаи миллат ва халқиятҳо дар интихоби озоди забони таҳсил шароит фароҳам оварда мешавад. Ҳар як шаҳрванд аз ҳуқуқи ба забони модарӣ таҳсил гирифтан, ҳарф задан, мубодилаи афкор намудан баҳравар аст. Вай метавонад баробари забони модарии худ забонҳои дигарро ҳам омӯзад. Яъне, дар омӯзиши забонҳо мамониате нест. Фақат саъю кӯшиш лозим аст.

Таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистони Нав, алалхусус дар давраи Эҳёи сеюм зиёд гардид. Аз моҳи сентябри соли 2023 дар Донишгоҳи амнияти ҷомеавии шаҳри Тошканд омӯзиши забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуд. Курсантҳои ин донишгоҳ ҳоло забони тоҷикиро ҳам меомӯзанд.

Биёед, забони тоҷикиро пос дорем ва чун бузургону ниёгони оқили худ дар рушду такмилёбии он саҳмгузор бошем!

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,**
**номзади илмҳои филология,**
**профессор.**

**Ифтихор**

# ОИНАИ МИЛЛАТИ МАН

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забонаш осон гардад.*

***Дарҳақиқат забон оинаи миллат аст. Инсон метавонад фақат бо воситаи забон бо ҳамдигар мулоқот кунад. Нақши забон дар ҷомеа хеле бузург аст. Забони форсии тоҷикӣ аз забонҳои қадимтарини дунё ба ҳисоб меравад. Таърихи фарҳанги қадимаи мо аксаран бо ҳамин забон навишта шудааст.***

Бо забони мо садҳо шоирону нависандагон асарҳо, қиссаву достонҳо эҷод кардаанд. Осори ҷовидонаи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Адиб Собир, Саъдӣ, Мавлавӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Соиб, Сайидои Насафӣ, Шоҳин, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир... ва садҳо, ҳазорҳо нафар шоирону адибони дигар барои ҷовидонии забони модарии мо хидмат кардаанд ва мекунанд. «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ забони форсии тоҷикиро ба минбари дунё баровард ва қудрати забони моро ба тамоми дунё намоиш дод. Ман забонро ба рӯҳи инсон монанд мекунам. Тавре ки инсон бе рӯҳ вуҷуд дошта наметавонад, миллат ҳам бе забон вуҷуд нахоҳад дошт. Дар бораи забон бисёр шоирони мо шеърҳо гуфтаанд. Аз ҷумла шоири ширинкаломи тоҷик Лоиқ Шералӣ фармудааст:

*Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,*
*Дар замину дар замон гумкардае.*
*Ин нишон гумкардаеву дигаре,*
*Хештанро бе нишон гумкардае...*

*Бок не, гар доварӣ гум кардааст,*
*Ё умеди сарварӣ гум кардааст.*
*Захр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст!*

Дар бораи забон шоиру нависандагони машҳури дунё фикрҳои ҷолиб доранд. Аз ҷумла, адиби номии Доғистон Расул Ҳамзатов чунин мегӯяд: «Агар донам, ки фардо забони ман мемирад, розиям, ки ман имрӯз бимирам».

Забон неъмати бебаҳои Парвардигор ба аҳли башар аст. Яъне, ягон миллат бе забон вуҷуд дошта наметавонад. Чунки пешинаи таърихӣ ва сатҳи тамаддуни ҳар як миллатро асосан аз рӯйи забон ва адабиёти он миллат муайян мекунанд. Барои ҳамин бояд ҳар яки мо забони модариамонро бештар аз ҷон дӯст дорем ва барои ривоҷу шуҳрат ёфтани он саъю ҳаракат кунем.

**Зулбибӣ ИСКАНДАРОВА,**
**донишҷӯйи соли сеюми бахши тоҷикии факултаи филологияи рус ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025.
Адади нашр 4538. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.